**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Сайдаҳмадзода Раҷабалӣ Сайдаҳмад дар мавзӯи: «Таъсири калсий, стронсий ва барий ба хосиятҳои физикавӣ-механикӣ ва химиявии хӯлаи алюминийи AlCu4.5Mg1 навъи дюралюминий», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.5.16. Маводшиносӣ дар саноати металлургия, Душанбе, 2026. - 2 саҳ.**

Диссертатсияи Сайдаҳмадзода Раҷабалӣ Сайдаҳмад ба масъалаи мубрами маводшиносӣ — таҳия ва омӯзиши хӯлаҳои алюминийи дорои муқовимати баланд ба коррозия бахшида шудааст. Алюминий ва хӯлаҳои он, аз ҷумла дюралюмин, бинобар сабукӣ ва устувории механикӣ дар авиатсия, ракетасозӣ ва дигар соҳаҳои техника васеъ истифода мешаванд. Аз ин рӯ, баланд бардоштани устувории коррозиявии онҳо аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ дошта, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои коркарди маводи нави ба зангзанӣ тобовар мусоидат намоянд.

Дюралюминий бо мустаҳкамии баланд ва вазни нисбатан камаш фарқ мекунад. Сабукии он дар муқоиса бо пӯлод имконияти истифодаи васеъро дар авиатсия ва дигар соҳаҳои техника фароҳам меорад. Бо вуҷуди ин, камбудии асосии дюралюминий муқовимати нисбатан пасти он ба коррозия мебошад. Аз ин рӯ, баланд бардоштани устувории коррозиявии ин хӯла тавассути легиронӣ ва коркарди сатҳӣ яке аз масъалаҳои муҳими маводшиносӣ ба ҳисоб меравад.

Мақсади таҳқиқоти мазкур аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим буда, ба яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи маводшиносӣ-баланд бардоштани хосиятҳои физикавӣ-механикӣ ва химиявии хӯлаҳои алюминийӣ-бахшида шудааст. Муаллиф таъсири элементҳои калсий (Ca), стронсий (Sr) ва барий (Ba)-ро ба сохтор ва маҷмӯи хосиятҳои хӯлаи AlCu4.5Mg1 (дюралюминий) мавриди омӯзиш қарор додааст.

Мақсади гузошташуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, барои муайян намудани робитаи байни таркиби химиявӣ, тағйирёбии сохтори дохилӣ ва хосиятҳои физикавӣ-механикии хӯла равона шудааст.

Диссертатсия Сайдаҳмадзода Раҷабалӣ Сайдаҳмад, ки бахшида шудааст ба омӯзиши хосиятҳои физикавию химиявӣ, кинетикӣ ва анодии хӯлаи алюминийи AlCu4.5Mg1 навъи дюралюминий бо калсий, стронсий ва барий, аз нуқтаи назари илмӣ муҳим буда мубрамияти баланди амалӣ дорад.

Муаллифи диссертатсия натиҷаҳои нави зеринро ба даст овард:

• вобастагии ҳароратии гармиғунҷоиш ва тағйирёбии функсияҳои термодинамикии хӯлаи алюминийи AlCu4.5Mg1 навъи дюралюминий бо калсий, стронсий ва барий, ба даст оварда шудааст;

• кинетикаи оксидшавии хӯлаи алюминийи AlCu4.5Mg1 бо калсий, стронсий ва барий, дар ҳолати сахт ва механизми раванди оксидшавии онҳо муайян карда шудааст;

• таъсири калсий, стронсий ва барий ба рафтори анодии хӯлаи алюминийи AlCu4.5Mg1 навъи дюралюминий дар муҳити электролити NaCl муайян карда шудааст;

• таркиби оптималии хӯлаҳои алюминийи AlCu4.5Mg1 навъи дюралюминий дар асоси таҳқиқи хосиятҳои физикавию химиявии онҳо муқаррар карда шуда, соҳаҳои имконпазири истифодаи онҳо дар электротехника муайян карда шуданд.

Оиди мавзӯи диссертатсия 13 кори илмӣ нашр гардида, 7-тои он дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Федератсияи Россия тавсияшуда ва 4 фишурда дар маводи конфронсҳо, инчунин 2 нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шудааст.

Эродҳои зеринро бояд баён кунам:

1. Дар натиҷаҳои тадқиқот таркиби химиявии хӯлаҳои алюминийи AlCu4.5Mg1 оварда нашудааст.
2. Дар диссертатсия оиди тағйирот дар микроструктура маълумоти мушаххас оварда нашудааст.

Мувофиқи автореферат, диссертатсияи Сайдаҳмадзода Раҷабалӣ Сайдаҳмад кори пурраи ба охир расида мебошад, ки дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, истифодаи амалӣ дорад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, фикр мекунам, ки диссертатсияи Сайдаҳмадзода Раҷабалӣ Сайдаҳмад оид ба навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалӣ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияи номзадӣ мувофиқат мекунад ва унвонҷӯ сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.5.16. Маводшиносӣ дар саноати металлургия мебошад.

Доктори илмҳои техникӣ,
профессори кафедраи
«Математикаи олӣ ва илмҳои
табиатшиносӣ»-и Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Назарзода Х.Х.

*Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061,*
*шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 112,*
*Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.*
*Телефони мобилӣ: (+992) 777-07-65-00.*
*E-mail: nazarov-h2013@mail.ru*

Имзои д.и.т., профессор Назарзода Х.Х.
**Тасдиқ менамоям:**

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.
25.08.2026

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ